# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D. КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 - фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Музаффарӣ М. (09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ) аъзо;
- доктори илмҳои фалсафа, дотсент Худойдодзода Ф. (09.00.03 - таърихи фалсафа)

Диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Ташхиси диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. нишон дод, ки масоили оила аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи файласуфон, муаррихон, демографҳо ва дигар соҳаҳои ҷомеашиносӣ қарор дошт. Дар таърихи афкори фалсафӣ мутафаккирон оид ба ниҳоди оила нуқтаи назари гуногун доштанд. Дар таълимоти онҳо оила ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ ва омили асосии ҷомеапазирии шахс дониста шуд.

Новобаста аз баррасиву таҳлил ва омӯзиши васеи масоили номбаршуда дар адабиёти илмӣ, хусусиятҳои асосии мавзуъ то ҳанӯз дар илми тоҷик ба қадри зарурӣ мавзуи таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб, диссертант бо такя ба сарчашмаҳои мавҷуда кӯшиш намудааст, ки ба мантиқи ботинии он, ки дар муносибатҳои ниҳоди оила ва муносибатҳои оилавӣ руй медиҳанд, ворид шуда, таҳаввули муносибатҳои оилавиро дар давоми даҳсолаҳои охир таҳлил ва

пайгирӣ намояд, нақши ниҳоди оиларо дар раванди эъмори давлат ва ҷомеаи солим нишон диҳад. Ҳамаи инро ба назар гирифта, самти таҳқиқ муайян ва мавзуи он таҳти унвони "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир" (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" муқаррар карда шудааст.

Ташхиси диссертатсия собит намуд, ки муаллифи он сатҳи омӯзиши мавзуъро мавриди таҳлил қарор дода, ғояҳои дар таҳқиқотҳои пешин матраҳгаштаро ба хубӣ омӯхта, арзишмандии онҳоро муайян намудааст. Таҳлили ҳаматарафаи сатҳи омӯзиши мавзуъ ба муаллиф имкон додааст, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти хешро ба таври мушаххас муайян намояд.

Объекти таҳқиқот: нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳо иҷтимоии ҷомеа

Мавзуи таҳқиқот: таҳқиқи роҳу воситаҳои баланд бардоштани нақши оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеа ва рафъи монеаҳои дар ин роҳ мавҷуда.

Чун диссертатсия ба нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир бахшида шудааст, муаллиф қабл аз ҳама таъкид менамояд, ки ниҳоди оила дар марҳилаи муосири рушди худ тағйиротҳое муҳимеро аз сар мегузаронад, вале он то ба имрӯз ҳам ба ҳайси умумияти таърихие, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад ва муҳимтарин ниҳоди ҷомеапазирии шахсият, интиқолдиҳандаи таърихии арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва ахлоқӣ мебошад мавқеи худро нигоҳ доштааст. Бо ҳамин сабабҳо, дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои муҳаббат, издивоҷ ва оила дар ҳама синну сол боқӣ монда, тарбияи аввалини инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ дар ӯ маҳз дар оила сурат мегирад. Аммо равандҳое, ки имрӯз бар асари ҷаҳонишавӣ дар ин ниҳоди муҳими иҷтимоӣ мушоҳида мешаванд, ба оилаҳои Тоҷикистон низ бетаъсир намонда, онҳо ба таҳаввули назаррас мувоҷҷеҳ шуда истодаанд, ки, ба ақидаи аксари муҳаққиқони соҳа, фалокатбору харобиовар буда метавонад.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасӣ унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳқиқи масъалаи нақш ва мақоми оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии аъзои ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон, диди нав аз нигоҳи илми муосир бо мақсади ошкор сохтани тағйироти дар моҳияти он бавуҷудомада ва паёмадҳои онҳо барои ҷомеаи

муосири мо, ки то ҳол нишонаҳои асосии ҷомеаи анъанавиро нигоҳ доштааст, мубрам мебошанд.

Аз ин хотир, инсон бояд ҳамаҷониба омодаи зиндагии шоиста дар оила бошад ва баҳри расидан ба мақсадҳои неки зиндагӣ худро ҳам аз ҷиҳати руҳонӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодию ҷисмонӣ омода созад.

Навгонии муҳими кор аз он иборат аст:

– нуқтаи назари муаллиф оид ниҳоди оила таҳия ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз шаклҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян мебошад.

– хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила - ниҳодӣ ва ғайриниҳодӣ муқаррар шудааст, ки дар натиҷаи он дар ҳар як ҷисми мушаххаси иҷтимоӣ зинабандии арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меояд;

– хусусиятҳои дигаршавии оила дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар натиҷаи тафаккури суннатӣ ва арзишҳои нав, ки мазмуни онҳо ҳамчун омехтаи риққатоварӣ тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам мебошанд, муайян карда шудаанд.

– бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки заминаҳо ва омилҳое, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, таъсири манфии онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеа нишон дода шавад;

– дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шудаанд.

Мамадҷонова М.Д. ҷанбаҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи мавзуъро дарёфт намуда, онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Инчунин дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷударо дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани онро дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян намудааст.

Вобаста ба ин, муаллиф дар диссертатсия таъкид намудааст, ки оила гуруҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояи онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад. Дар чунин шакл пешниҳод намудани таърифи ниҳоди оила,

албатта, то ҳол ҳам комил нест, вале он имкон медиҳад, ки на танҳо мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир каме муфассалтар фаро гирифта шаванд, балки ба масъалаи таъсири оила ва арзишҳои оилавӣ ба рушди ҷомеа низ равшанӣ андохта шавад.

Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муаллифи диссертатсия ҷараёни таҳаввули заминаҳои назариявию иҷтимоии мавзуъро дар консепсияҳои муосири фалсафӣ омӯхта, онро ба амалияи имрӯзи ҷомеа вобаста намудааст.

Дар ин росто, муайян карда шудааст, ки ҳадафҳои сиёсати оилавӣ бояд ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шаванд: баланд бардоштани нуфузи ниҳоди оила ва арзишҳои оилавӣ дар шуури омма; ба эътидол овардани институти никоҳ ва оила; муҳайё намудани шароити иҷтимоию равонӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ барои бомуваффақият аз тарафи ниҳоди оила иҷро намудани вазифаҳое, ки шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ба он ниёз доранд.

Муаллифи диссертатсия муайян кардааст: дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, ки дар шароити дигар қарор дорад, вазифаҳои иҷтимоии оила ҳамчун омиле, ки дар пешгирӣ ва ислоҳи шаклҳои харобиовари каҷрафторӣ (девиантӣ) нақши бориз доранд, муҳим арзёбӣ мешавад.

Аз ташхиси рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Маъхазҳои истифоданамудаи ӯ адабиёт ва сарчашмаҳои аввал ва муътабари илмианд, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуъи кори илмияш дар маҷаллаҳои илмӣ мақолаҳо интишор намуда, дар конференсияҳои илмӣ баромад намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд. Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ тавонистааст, ки заминаҳои назариявию иҷтимоӣ ва аксиологии мавзуъро дар асоси таҷрибаи Тоҷикистон омӯхта, мушкилиҳо, хавфу хатари онро муайян намуда, роҳҳои пешгириашро пешниҳод намояд.

Ташхиси экспертӣ нишон дод, ки асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро хусусияти хосси мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия ташкил дода, дар таҳқиқи ин масъала методи байниилмӣ, ки асосашро шакл ва усулҳои назариявии маърифат ташкил медиҳад, истифода карда шавад. Инчунин, дар таҳқиқот таҳлили бонизом, усулҳои

таҳлил ва таҷрид, таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият, методи диалектикӣ, равишҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ истифода шудаанд. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот ғояҳо ва хулосаҳои файласуфони ватанию хориҷӣ, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, диншиносон ва равоншиносон оид ба ниҳоди оила ва вазифаҳои он истифода шудаанд.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина хоҳанд гузошт. Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Ҳамин тариқ, Мамадҷонова М.Д. аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба анҷом расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

**Дар натиҷа, ҳайати комиссияи ташхисӣ ба чунин хулоса омад:**

Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи "Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст, ба рамзи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;

1. Диссертатсия ба ихтисоси 09.00.11 -фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат менамояд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Мамадҷонова М.Д. дар 5 (панҷ) мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд;

4. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси мукарризони расмӣ ба диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Назар Муъмин Абуҷалол, доктори илмҳои фалсафа, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Саидзода Далер Муҳибулло, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Ҷононов С.

Аъзоёни комиссия:

доктори илмҳои фалсафа,
профессор Музаффарӣ М.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор Худойдодзода Ф.

29.12.2023